## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Муминзода Орифҷони Сафо дар мавзуи «Проблемаҳои танзими суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Муминзода О.С. фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ мебошад, ки дар марҳилаи кунунӣ мубрамияти бештарро пайдо намуда истодааст. Махсусан, фаъолияти роҳу нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суръати баланд рушд намуда, як қатор мушкилоитҳоро вобаста ба ҳимоя ва барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда дар натиҷаи истифодаи воситаи нақлиёти автомобилӣ ба вуҷуд меорад. Бо дарназардошти ба вуқӯъ пайвастани ҳодисаҳои зиёди роҳу нақлиёт, ки дар натиҷа ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки шахсон зери хатар қарор мегиранд, ҷиҳати барқарор намудани ин ҳуқуқу манфиатҳои вайроншуда қонунгузорӣ механизми суғуртаро пешбинӣ намудааст.

Барои ҳар як давлат рушди босуботи муносибатҳои суғуртавӣ дар самти коҳиш додани ҷавобгарии иловагии низоми буҷетӣ муҳим арзёбӣ мешавад, зеро ташаккули фондҳои суғуртавӣ ҳамчун воситаи ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои суғуртавӣ рух медиҳад, мусоидат менамояд. Суғурта дар замони имрӯза падидаи муҳимми давлатҳои муосир ва иқтисодиёти бозоргонӣ мебошад. Инсоният аз даврони қадим ба суғурта ҳамчун асоси ҷуброн намудани зарар дар натиҷаи ҳодисаҳои гуногун бамиёномада, муносибат намудааст. Бо дарназардошти ин омилҳо, таҳқиқи масъалаи мазкур аз лиҳози илми ҳуқуқи гражданӣ мубрам маҳсуб меёбад.

Суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар аксар давлатҳо ба таври ҳатмӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин аз хавфи баланд доштани ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, манбаи хатари калон будани нақлиёти автомобилӣ, эҳтимолияти зиёди зарар расонидан ба ҳаёт, саломатӣ, молу мулк ҳангоми истифодаи воситаи нақлиёт ва асосҳои дигар шаҳодат медиҳад. Бинобар ҳамин, таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар муҳим арзёбӣ мегардад. Суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи

нақлиёти автомобилӣ яке аз намудҳои паҳншудаи суғурта дар соҳаи нақлиёт ба ҳисоб рафта, бо мақсади ҳимоя намудани манфиатҳои молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳолати пайдо шудани оқибатҳои номусоид, барои ҷамъият аҳаммияти зиёд дорад.

Гуфтаҳои боло бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони муосир омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ мубрам буда, саривақтӣ будани таҳқиқоти диссертатсионии диссертантро исбот менамояд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.03. – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, таҳти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Муминзода О.С. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Муминзода О.С. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-и Низомномаи Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Муминзода Орифҷони Сафо, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, профессор Исмоилов Ш. М.

- муовини Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., Маҳмадшозода Ф.А.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Имомова Н.М.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Сангинов Д.Ш.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи байналмилалии
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Қодирқулов Х.Р.

ИМЗОИ / ПОДПИСЬ Имомова Н.М., Сангинов Д.Ш., Қодирқулов Х.Р.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (имзо-подпись)

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН · TAJIK NATIONAL UNIVERSITY · УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

28.06.22